# ХУЛОСАИ
## Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори Шурои диссертатсионӣ аз 11-уми феврали соли 2025, таҳти №74

Диссертатсияи Додозода Абдуманон Махсуд дар мавзуи «Масъалаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст, дар таърихи 3 декабри соли 2024, суратмаҷлиси №72 аз ҷониби Шурои диссертатсионии 6D.КОА-018-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, ш. Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, толори Шурои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ, фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд) (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) ба ҳимоя қабул карда шудаст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Додозода Абдуманон Махсуд 13 июли соли 1964 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 1990 бахши рӯзонаи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси ҳуқуқшиносӣ ва соли 2005 Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси иқтисодӣ бо муваффақият хатм кардааст.

Аз соли 1990 то соли 1993 дар мақомоти прокуратура ва аз соли 1993 инҷониб дар мақомоти адлия, суд, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ дар вазифаҳои гуногуни роҳбарикунанда кору фаъолият намудааст. Айни ҳол вазифаи сардори раёсати ташкили кори судҳои Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ишғол намуда, соҳиби дараҷаи тахассусии Мушовири давлатии дараҷаи 2-юм мебошад. Аз соли 2017 инҷониб унвонҷӯйи шуъбаи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон мебошад.

Диссертатсия дар шуъбаи ҳуқуқи хусусии Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон иҷро карда шудаст.

**Роҳбари илмӣ: Бобоҷонзода Исрофил Ҳусейн -** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, мудири шуъбаи масоили назариявии давлат ва ҳуқуқи муосири Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.

**Муқарризони расмӣ:**

- **Исмоилов Шавкат Маҳмудович**– доктори илмҳои ҳуқукшиносӣ,

профессор, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, Ходими хизматнишондодаи илм ва техникаи Тоҷикистон;

**- Сидиқов Дилшод Ахророви**ч-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи (Славянии) Россия ва Тоҷикистон.

- **Муассисаи пешбар:** Муассисаи давлатии таҳсилоти олии касбии «Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» (ш.Душанбе).

Дар хулосаи мусбии додашудаи муассиса, ки аз ҷониби ташхисгар Раупова Манзура Турсуновна, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, профессори кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, (ихтисос: 12.00.03–Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ) омода гардида, аз ҷониби раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Олимзода Давлатмурод ва дотсенти кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва иқтисодии факултети ҳуқуқшиносии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Мирзоев Парвиз Исроилович имзо ва аз ҷониби ректори Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои педагогӣ, дотсент Сафарзода Д.Ҷ. санаи 14 январи соли 2025 тасдиқ шудааст, қайд менамояд, ки диссертатсия ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти илмӣ бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ки баён гардидаанд тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ дастоварди мустақилона ва бевоситаи муаллиф буда, асоснокӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Доир ба мавзу ва моҳияти диссертатсия унвонҷӯ 12 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 7 адади онҳо дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар нашрияҳои дигар ба табъ расонидааст. Интишороти ӯ нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамояд.

**Муҳимтарин интишороти унвонҷӯ аз рӯйи мавзуи диссертатсия:**

**I.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

1. Додозода А.М. Пайдоиш ва ташаккули мафҳуми гуноҳ [Матн] (Маҷаллаи Академии ҳуқуқ). – Душанбе, 2021. – № 2 (38). – С. 123-130. ISBN 2305-0535.
2. Додозода А.М. Ҳадди гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] (Маҷаллаи Академии ҳуқуқ). – Душанбе, 2021. – № 3 (39). – С. 111-115. ISBN 2305-0535.
3. Додозода А.М. Масъулияти давлат дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ; Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2021. – № 3 (23). – С. 163-168. ISBN 2414-9217.
4. Додозода А.М. Гуноҳи шахси ҳуқуқӣ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи гражданӣ [Матн] (Маҷаллаи илмӣ-амалӣ; Давлатшиносӣ ва ҳуқуқи инсон). – Душанбе, 2021. – № 4 (24). – С. 180-190. ISBN 2414-9217.
5. Бобоҷонзода И.Ҳ., Додозода А.М. Баъзе масъалаҳои гуноҳ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи маданӣ [Матн] (Маҷаллаи илмӣ-иттилоотӣ; Ҳаёти ҳуқуқӣ). – Душанбе, 2023. – № 2 (42). – С. 98-111. ISBN 2307-5198.
6. Бобоҷонзода И.Ҳ., Додозода А.М. Гуноҳ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] (Маҷаллаи Академии ҳуқуқ). – Душанбе, 2024. – № 2 (50). – С. 91-100. ISBN 2305-0535.
7. Додозода А.М. Гуноҳ ҳамчун ҳолат, таваккал ва унсури ҷавобгарӣ дар муносибатҳои шартномавӣ [Матн] (Қонунгузорӣ). – Душанбе, 2024. – № 2 (54). – С. 73-79. ISBN 2410-2903.

**II.Мақолаҳои илмие, ки дар маҷмӯаҳо ва дигар нашрияҳои илмӣ-амалӣ чоп шуданд:**

8. Бободжонзода И.Х., Додозода А.М. Проблемы понимания вины в контексте эволюции научных исследований в сфере цивилистики. Юридическая наука: история и современность. Санкт- Петербург, 2017, №5. С. 87-95.
9. Бободжонзода И.Х., Додозода А.М. Понятие вины применительно к юридическим и физическим лицам. Юридическая наука: история и современность. Санкт- Петербург, 2017, №6. С. 94-109.
10. Додозода А.М. Мафҳуми гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Маърифати ҳуқуқӣ: масъалаҳои ҳуқуқӣ-иқтисодии заминистифодабарӣ»: маводҳои конференсияи ҷумҳуриявӣ (11майи соли 2024) // Зери назари доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Исмоилов Ш.М. – Душанбе: «Мехроҷ-граф», 2024. – 500 с. С. 444 - 471. ISBN 978-99985-65-74-6.
11. Додозода А.М. Гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои

шартномавӣ дар даврони истиқлолияти давлатӣ Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи "Истиқлолияти давлатӣ – заминаи таҳкими давлати ҳуқуқбунёд", бахшида ба 33-умин солгарди Истиқ-лолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 3-уми сентябри соли 2024 / Зери таҳрири д.и.ҳ.; профессор Бобоҷонзода И.Ҳ. – Душанбе: "Нашри Мубориз", 2024. – 492 с. С. 270-277.

12. Додозода А.М. Гуноҳ ҳамчун ҳолат, таваккал ва унсури ҷавобгарӣ дар муносибатҳои шартномавӣ. Маҷмуи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ бахшида ба соли маърифати ҳуқуқӣ. Душанбе, «Дониш», 2024. – 260 с. С. 121-129.

**Ба автореферати диссертатсия аз ҷониби шахсони зерин тақризҳо навишта шуда, ба Шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:**

-Худоёрзода Бахтиёр Тавар-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Рустам Шоҳмурод-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният;

-Меликов Умрилло Асадуллоевич-доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, иҷрокунандаи вазифаи профессори кафедраи ҳуқуқи мадании Донишгоҳи байналмилалии саёҳат ва хизмати Ҷумҳурии Тоҷикистон;

-Очилова Фирӯза Айюбовна-номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, иҷрокунандаи вазифаи мудири кафедраи ҳуқуқи маданӣ ва меҳнати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии бизнес, сиёсат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ҳамаи тақризҳо мусбӣ буда, дар онҳо баъзе эроду тавсияҳои хусусияти мубоҳисавидошта пешниҳод шудааст. Аз ҷумла, қайд шудааст, ки дар моддаи 3 Кодекси мадании ҶТ қисми ҳафтум илова карда шавад. Ин пешниҳод баҳснок буда, асоснoккунии иловагиро талаб менамояд. Илова бар ин, қайд гардидааст, ки дар кори илмӣ дар бораи ду шакли гуноҳ: қасдона ва беэҳтиётӣ хулосаронӣ карда шудааст, ки қобили дастгирист, аммо оид ба мавҷуд будани шакли дигар, яъне ҷавобгарии бегуноҳ баҳо дода нашудааст.

**Муқарризон ва муассисаи пешбар** бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъин гардидаанд.

Ҳамчунин, интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар бо он асоснок карда мешавад, ки онҳо аз рӯйи ихтисоси 12.00.03 – Ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ, ҳуқуқи оилавӣ ва ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар сатҳи дахлдор таҳқиқоти илмӣ анҷом додаанд ва корҳои илмӣ-таҳқиқотии онҳо ба масъалаҳои гуногуни кори илмии

анҷомдодашуда алоқамандии зич доранд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқоти илмӣ:**

**-коркард карда шуд:** кори диссертатсионии мазкур аввалин кӯшиш оид ба анҷом додани таҳқиқоти маҷмуии назариявии проблемаҳои гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ дар ҳуқуқи мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

**-муайян карда шуд:** гуноҳ яке аз шатҳои ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ва номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо мебошад. Проблемаи гунаҳгорӣ яке аз масъалаҳои мубрамтарин ва мураккаби ҳуқуқи маданӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, инкишофи назариявии он дар оянда гарави такмили танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад.

**-пешниҳод шудааст:** дар асоси таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи римӣ дар бораи номувофиқатии равишҳои мавҷуда оид ба мафҳуми гуноҳ дар ҳуқуқи хусусии римӣ хулоса бароварда шуда, мафҳуми нави умумии гуноҳ дар ҳуқуқи римӣ асоснок карда мешавад; асосҳои методологии таҳқиқи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ пешниҳод карда шудааст; дар асоси муайянкунии моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ ва бо назардошти қонунӣ муқаррар кардани бегуноҳии шахс, тафсири мафҳумҳои гуноҳи қарздор, гуноҳи кредитор (қарздиҳанда), гуноҳи шахси ҳуқуқӣ, гуноҳи соҳибкорони инфиродӣ, сӯиқасд, беэҳтиётӣ, маҳакҳои маҷмӯии тафриқаи онҳо, беэҳтиётии одӣ ва дағалона асоснок пешниҳод карда мешавад; оид ба такмили қонунгузории мадание, ки масъалаҳои гуноҳи вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамояд, таклифҳо пешниҳод карда шуданд.

**исбот шудааст:** як қатор мафҳумҳои назариявии дар рисола таҳияшуда, таснифоти пешниҳодгардида ва дигар муқарраротi назариявӣ метавонанд назарияи ҳуқуқи маданиро оид ба масъалаҳои гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ дар умум ва махсусан гуноҳ дар муносибатҳои шартномавӣ ба таври назаррас ғанӣ гардонанд.

**ворид намудани** тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунандаи маданиро ба инобат гирифта, онҳоро дар таҳқиқи минбаъдаи муқарраротi назариявӣ оид ба моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ низ истифода бурдан мумкин аст.

**Аҳаммияти назаривии таҳқиқот бо он асоснок карда шудааст, ки:** дар он тавсифи дақиқи мафҳумҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифта, мухтасар ифода карда шуда, меъёрҳои мушаххаси ҷудо кардани шакл ва дараҷаҳои гуноҳи шартномавӣ пешниҳод шудааст. Ин ба мақомоти судӣ имкон медиҳад, ки амалияи татбиқи меъёрҳоро оид ба гуноҳи шартномавӣ дуруст амалӣ намояд. Илова бар ин, таклифҳои дар таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳодгардида метавонанд дар кори таълимию методӣ оид ба фанҳои дахлдор ва омода намудани васоити таълимӣ – методӣ истифода шаванд.

**Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта:** эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот ба таҳлили воқеъбинона ва ҳаматарафаи пажуҳишҳои назариявӣ ва амалии марбут ба паҳлуҳои гуногуни гуноҳ, таҳлили натиҷа ва хулосаҳои дар илм пазируфташуда асос меёбанд.

**-баён шудани** мафҳумҳо, ақидаҳо ва тавсияҳои назариявию амалии муаллиф, нуктаҳои илмии таҳқиқот ва тавсияҳо, таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории миллӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ ва таҷрибаи давлатҳои алоҳида дар самти ҷавобгарии шартномавӣ ва гуноҳ дар доираи асосҳои назариявии таҳқиқот муайян шудаанд;

**-мушаххас гардидани** таҳқиқи ҳолати кунунӣ, дурнамо ва роҳҳои пешрафт ва самараноки ҳифзи судӣ ҳангоми вайронкунии уҳдадориҳои шартномавӣ пешниҳод карда шудаанд;

**-омӯхта шуданд, ки** пайдоиш ва инкишофи институти гуноҳ дар ҳуқуқи хусусии римӣ; мавҷудият ва аҳаммияти гуноҳ дар ҳуқуқи мадании низоми ҳуқуқии зардуштӣ; инкишофи институти гуноҳ дар ҳуқуқи мадании исломӣ; инкишофи гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ дар Тоҷикистони шуравӣ; инкишофи гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ дар даврони Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон;

**-такмил додани** қонунгузорӣ, ки масъалаҳои гунаҳгории вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамоянд, таҳия ва пешниҳод кардани асосноккунии назариявӣ оид ба такмили минбаъдаи қонунгузорие, ки масъалаҳои гунаҳгории вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамояд;

**-иҷозат додани** истифодаи тавсифи дақиқи мафҳумҳои мавриди таҳқиқ қароргирифта, меъёрҳои мушаххаси ҷудо кардани шакл ва дараҷаҳои гуноҳи шартномавӣ дар фаъолияти судҳо бо мақсади ҷорӣ намудани амалияи якхела доир ба татбиқи меъёрҳо оид ба гуноҳи шартномавӣ.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаби дараҷаи илмӣ дар амалия, чунин тасдиқ карда мешавад, ки** он барои рушди ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ, инчунин дигар соҳаҳои ҳуқуқ аҳаммият дошта, дар он роҳи ҳал ва коркарди нави илман асоснокшудаи назариявӣ дарҷ шудааст. Ҳамзамон, онҳо метавонанд ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия дар раванди таълими фанҳои ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи соҳибкорӣ ва дигар соҳаҳои илми ҳуқуқшиносӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, ҳуқуқтатбиқкунанда ва таҳияи диссертатсия ба таври васеъ мавриди истифода қарор гирад.

**-муайян карда шудааст,** ки гуноҳ яке аз шартҳои ҷавобгарӣ барои расонидани зарар ва номатлуб иҷро кардани уҳдадориҳо мебошад. Проблемаи гунаҳгорӣ яке аз масъалаҳои мубрамтарин ва мураккаби ҳуқуқи маданӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, инкишофи назариявии он дар оянда гарави такмили танзими ҳуқуқи маданӣ мебошад. Ҳамчун шарти

субъективии ҷавобгарии маданӣ, гунаҳгорӣ муносибати равонии шахс ба рафтори ғайриқонунии худ ва оқибатҳои он мебошад. Барои гунаҳгор эътироф кардани шахс, ӯ бояд дарк кунад, ки рафтори ӯ манфиатҳои дигар шахсони бо қонун ҳифзшавандаро вайрон мекунад, яъне дарк намудани хусусияти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарарнок будани рафтори онҳо ва оқибатҳои манфие, ки мувофиқи он метавонад ба амалояд. Гуноҳ ҳамчун асос барои дигар намудҳои ҳуқуқвайронкуниҳо ва татбиқи он ба дигар институтҳои ҳуқуқи маданӣ дар КМ ҶТ дар алоҳидагӣ пешбинӣ нашудааст, ки ин ҳолат ҳангоми татбиқи меъёрҳои КМ ҶТ дар амалия мушкилотро ба миён меорад. Ҳамаи гуфтаҳои боло, дар маҷмуъ мубрам будан ва зарурияти таҳқиқоти мазкурро муайян месозад.

**-асоснок кардашудааст,** ки дар асоси таҳлили меъёрҳои ҳуқуқи римӣ дар бораи номувофиқатии равишҳои мавҷуда оид ба мафҳуми гуноҳ дар ҳуқуқи хусусии римӣ хулоса бароварда шуда, мафҳуми нави умумии гуноҳ дар ҳуқуқи римӣ асоснок карда шуда, асосҳои методологии таҳқиқи гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ пешниҳод карда мешавад.

**-муаррифӣ карда шудаст,** ки дар асоси муайянкунии моҳияти гуноҳ дар вайронкунии уҳдадории шартномавӣ ва бо назардошти қонунӣ муқаррар кардани бегуноҳии шахс тафсири мафҳумҳои гуноҳи қарздор, гуноҳи кредитор (қарздиҳанда), гуноҳи шахси ҳуқуқӣ, гуноҳи соҳибкорони инфиродӣ, сӯиқасд, беэҳтиётӣ, маҳакҳои маҷмуии тафриқаи онҳо, беэҳтиётии одӣ ва дағалона, асоснок пешниҳод карда мешаванд; оид ба такмили қонунгузории мадание, ки масъалаҳои гуноҳи вайронкунандаи уҳдадории шартномавиро танзим менамояд, таклифҳо пешниҳод карда мешаванд.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд,** ки натиҷаҳои илмӣ, пешниҳоду хулосаҳо, инчунин тавсияҳои амалие, ки дар таҳқиқоти диссертатсионӣ баён шудаанд, ба сарчашмаҳои қонунгузорӣ ва амалия асос ёфта, онҳо дар заминаи маълумотҳои гуногуни оморӣ ва маводи амалӣ ба даст оварда шудаанд.

**-барои корҳои таҷрибавӣ** дар қ.1-и м. 3 КМ ҶТ пас аз калимаҳои «ҳуқуқҳои вайронгардидаи маданӣ» аломат ва калимаи «, гуноҳ» илова карда шавад. Инчунин, ба м. 3 КМ ҶТ қисми 7-ум дар таҳрири зайл илова карда шавад: «Иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ танҳо дар ҳолате ба ҷавобгарии маданӣ кашида мешаванд ва нисбати онҳо чораҳои дар моддаи 11 ҳамин Кодекс, қонунгузорӣ ва шартномаҳо татбиқ карда мешавад, ки гуноҳи онҳо ва таваккали беасоси онҳо исбот шуда бошад. Исботи бегуноҳӣ ва таваккали асоснок ба зиммаи шахсе, ки гуноҳ ва ё таваккали беасосро содир намудааст, вогузор карда мешавад». Ҳамзамон, дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам намудани мафҳум ва хусусиятҳои фаъолияти соҳибкорӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, зеро ҳангоми муайян намудани таваккал ҳамчун яке аз омилҳои пайдоиши гуноҳ нисбати шахс татбиқ намудани чораҳои ҳифзи ҳуқуқи маданӣ аҳаммияти муҳим дорад. Бинобар ин, пешниҳод карда шудааст,

ки дар м. 2 КМ ҶТ қисми 6–ум дар таҳрири зерин илова карда шавад: «Қонунгузории маданӣ муносибатҳои байни иштирокчиёни фаъолияти соҳибкорӣ ё фаъолияти дигари иқтисодиро ба амал бароварда ё иштироки онҳоро танзим менамояд. Соҳибкорӣ фаъолияти мустақили ба таваккали худ амалишавандаи шахсони ба чунин сифат бо тартиби муқарраркардаи қонун ба қайд гирифташудае мебошад, ки барои мунтазам ба даст даровардани фоида аз истифодаи молу мулк, фурӯши мол, иҷрои кор ё расонидани хизмат равона карда шудааст»;

**-ғоя асоснок шудааст,** ки яке аз масъалаҳои муҳими ҷавобгарии маданӣ ин муайян намудани гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ мебошад. Дар фарқият аз ҳуқуқи ҷиноятӣ муайян намудани ҳаҷми гуноҳ дар ҳуқуқи маданӣ мураккаб ва гуногунҷабҳа мебошад. Яъне, агар дар ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳангоми таъин кардани ҷазо дар баробари дигар ҳолатҳои парванда (м.60 КҶ ҶТ) шакли гуноҳ низ ба назар гирифта шавад, дар ҳуқуқи маданӣ бошад ҳангоми таъин кардани ҷазои маданӣ бояд шакли иҷро накардани ӯҳдадориҳо (иҷро накардани одӣ ва иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ) ба назар гирифта шавад. Таҳлили меъёри қ.1-и м.465 КМ ҶТ нишон медиҳад, ки дар он баъзе камбудиҳо ба назар мерасанд. Чунончӣ, қонунгузор истилои «мувофиқан»–ро истифода намудааст. Дар масъулияти омехта, муайян намудани андозаи гуноҳи тарафҳо ғайриимкон мебошад. Аз ин маълум мегардад, ки қонунгузор ду омили муайян намудани истилои «мувофиқан»–ро истифода намудааст: 1) аз рӯйи шакл ва дараҷаи гуноҳи ҳам қарздор ва ҳам кредитор; 2) аз рӯи шакл ва дараҷаи гуноҳи танҳо кредитор. Бинобар ин, пешниҳод мешавад, ки ҷумлаи якуми қисми 1 моддаи 465 КМ ҶТ дар таҳрири зерин ифода карда шавад: «Агар иҷро накардан ё иҷрои номатлуби ӯҳдадорӣ бо гуноҳи ҳар ду тараф сурат гирифта бошад, суд мувофиқи гуноҳи кредитор андозаи ҷавобгарии қарздорро кам мекунад»;

**-муайян шудааст,** ки гуноҳ дар муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ба ду шакл: қасдона ва беэътиётӣ тақсим мешавад. Қасд дар ҳуқуқи маданӣ аз ҷониби иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ҳамчун дарк намудани хусусияти ғайриқонунии амали худ, пешгӯии эҳтимолии оқибатҳои зараровар ва хоҳиш (қасди мустақим) ё тахмини бошуурона (қасди бавосита) ба вуҷуд омадани чунин оқибатҳо фаҳмида мешавад. Ҳуқуқвайронкунии маданӣ аз беэҳтиётӣ содиргардида эътироф мешавад, агар иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ фаро расидани оқибати манфии амали (беамалии) худро пешгӯӣ карда метавонист ва ё мебоист пешгӯӣ мекард, вале аз худбоварӣ ва ё хунукназарӣ ба пешгирии онҳо боварӣ дошт. Омили асосии фарққунандаи шаклҳои беэҳтиётӣ бо чунин тарзҳо муайян карда мешавад: 1) дар матни қонунгузорӣ дарҷ карда шудааст; 2) вобаста ба шахсияти ҳуқуқвайронкунанда; 3) аз рӯйи ҳолати содир гардидани кирдор; 4) аз рӯйи оқибати дахлдори фарорасида. Ба ғайр аз ду шакли гуноҳ, инчунин, дар адабиётҳои ҳуқуқӣ шакли сеюми гуноҳ низ ҷой дорад, ки онро «гуноҳ бо шакли омехта» меноманд. Дар ин ҳолат ҷавобгарӣ аз дараҷаи гуноҳи ҳар ду тарафи иштирокчиёни

ухдадорӣ вобаста мебошад. Таваккал ҳамчун шакли гуноҳ эътироф карда намешавад, зеро бо назардошти хусусияти иқтисодӣ доштани фаъолияти соҳибкорӣ ва ба таваккали соҳибкор асос ёфтани он эҳтимолияти фаро расидани оқибатҳои ногувор дар ин фаъолият ба зиммаи худи соҳибкор вогузор мегардад.

**-истифода карда шудааст,** ки асоси меъёрии таҳқиқотро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, кодексҳо, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Суди Олии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дигар санадҳои зерқонунӣ ташкил медиҳанд.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуктаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ ва маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ки баён гардидаанд тасдиқ мегарданд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ дастоварди мустақилона ва бевоситаи муаллиф буда, асоснокӣ ва мубрамии онҳо тасдиқи худро ёфтаанд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми ҳуқуқшиносӣ навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳад. Дар рисола як қатор муқаррароти назариявӣ, хулосаҳо ва тавсияҳо оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва лоиҳаи Қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва пешниҳод шудаанд.

Дар маҷлиси Шурои диссертатсионӣ аз 11 феврали соли 2025 қарор қабул карда шуд, ки ба Додозода Абдуманон Махсуд дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ дода шавад.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар Шурои диссертатсионӣ аз 16 нафар аъзои Шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7 январи соли 2022, таҳти №16/шд (бо тағйири ҳайат аз 5 июли соли 2024 № 224/шд) тасдиқ гардидааст 14 нафар иштирок доштанд, ки аз онҳо 5 нафарашон докторони илм ва 1 нафан номзади илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда мебошанд. Аз 14 нафар аъзои Шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта, овоз доданд: ба тарафдории додани дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ – 14 нафар, зид – нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест, хулоса якдилона қабул карда шуд.

**Раиси Шурои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор** **Азиззода У.А.**

**Котиби илмии Шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент** **Қодиров Н.А.**